ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИСИИ

Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 087 назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ба диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи «Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ муҳокима шудааст (суратҷаласаи №9, аз 22-юми сентябри соли 2026).

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ. Шеваҳо, лаҳҷаҳо ва гӯйишҳои забони тоҷикӣ, ки аз қадимтарин сарчашмаи ташаккули забони адабии форсии дарӣ дар сарзамини таърихии Мовароуннаҳр маҳсуб мегарданд, дар таърихи пайдоиш ва таҳаввули забони осори хаттии форсӣ-тоҷикӣ мақом ва ҷойгоҳи хосса доранд. Бар пояи ҳамин шеваю лаҳҷаҳо меъёрҳои забони адабӣ пойдор гардидаанд, ки баъзан, дар сартосари қаламрави сукунати мардуми форсизабон ба унвони забони марҷаи тақлид пазируфта шуд.

Мубрамияти таҳқиқи луғоти истилоҳоти шеваҳою лаҳҷаҳо, бахусус, вожаву истилоҳоти соҳавӣ дар он низ инъикос меёбад, ки онҳо аз даврони пешин дар тули қарнҳо ифодагари мафҳумҳои ҳаётан муҳимми рӯзгори гӯйишварони лаҳҷаҳои алоҳидаи забон буданд ва доир ба муҳити зиндагӣ ва тарзи зисти ин гӯйишварон иттилооти арзишманде медиҳанд.

Гӯйиши Ғорон имрӯз ҳам дар гуфтугӯйи рӯзмарра ва мубодилаи афкор ба соҳибони он хизмат мекунад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳаматарафаю густарда ва таҳқиқи амиқи лексикаи соҳавии гӯйиши мазкур, аз ҷумла, лексикаи соҳаи чорводорӣ яке аз мавзуъҳои мубрами лаҳҷашиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меравад.

Навгониҳои илмии таҳқиқ. Ҳарчанд лексикаи гӯйиши Ғорон бо дарназардошти хусусиятҳои этнографӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ ва дигар

масоили марбут ба онҳо таҳқиқ шуда бошад ҳам, лексикаи марбут ба соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши мардуми водии Ғорон ба сурати монографӣ ва дар шакли рисолаи диссертатсионӣ бори нахуст мавриди таҳқиқ ва таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Ҳамчунин, бори аввал дар лаҳҷашиносии тоҷик вожагону истилоҳоти соҳаи чорводорӣ аз назари диахронӣ ва синхронӣ ба таври амиқу густарда таҳлил шуда, бо шеваю лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ муқоиса мешаванд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки муқаррароти диссертатсияи мазкур метавонад барои рушди минбаъдаи илми лаҳҷашиносии тоҷик, аз ҷумла, таҳаввули сохтори луғавию дастурии гӯйишҳои дар ҳоли инзивои ҷуғрофӣ қарордошта дар он зоҳир мегардад, ки нуктаҳои назариявӣ ва фарзияҳо доир ба таҳаввули сохтори луғавию дастурии ин лаҳҷаю гӯйишҳо барои омӯзиши диалектологӣ ва муқоисаи онҳо бо дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, мусоидат менамояд. Диссертатсияи мазкур метавонад ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъда дар самти лаҳҷашиносӣ истифода шавад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсияро метавон ҳангоми таҳқиқи муқоисавии лаҳҷаҳои ҳаммарзи тоҷикии соҳили чапи рӯди Панҷ (Афғонистон) бо гӯйиши ғоронӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои амалӣ ва маводи гирдомадаи диалектологии онро ҳангоми тартиб додани фарҳангҳои лаҳҷашиносӣ ва тарҷумавии забони тоҷикӣ, таълифи китобҳои дарсии «Лаҳҷашиносӣ» ва машғулиятҳои лексионию амалии ин фан, баргузории курсу семинарҳои махсус оид ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ва лингвогеографияи лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар коллеҷҳо ва мактабҳои олӣ ба кор бурдан имконпазир аст. Маводи амалии диссертатсия зимни таҳияи корҳои илмӣ-таълимии донишҷӯёни тахассусҳои филологӣ қобили истифода буда метавонад.

Нуқтаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф, ки дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва 5 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмии дохил ва хориҷи кишвар интишор ёфтаанд, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия робитаи мустаҳкам доранд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро дар худ ҷой додааст. Мақолаҳои интишоршуда ва шумораи маводи чопшудаи муаллиф ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат мекунад.

Диссертатсия кори илмии мустақилона иҷрошуда мебошад, ки довталаб дар баррасии мақсаду вазифаҳои таҳқиқи мавзуъ иштирок карда, аз рӯйи маводи дар диссертатсия таҳқиқшуда мақолаҳо нашр кардааст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба соҳаҳои лексикология (вожашиносӣ), луғатнигорӣ, истилоҳшиносӣ, сарф (морфология) ва ба шиносномаи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия дорои мазмун ва муҳтавои мукаммал буда, натиҷа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна истифодаи маводи бидуни ишора ба муаллиф ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Бо назардошти аҳаммияти таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия ва арзиши амалии он комиссияи экспертӣ ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи «Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи «Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи “Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 087 назди Донишгоҳи давлатии Хоруг ба номи Моёншо Назаршоев тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зерро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ мутобиқат дорад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва фарҳанги муошираты Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– **Бунёдзода Сомон Хушқадам** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани матни эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашри автореферат ба ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи ташхисӣ:

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Шокириён Т. С.

Узви комиссияи ташхисӣ:

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Дӯстзода Ҳ.

Узви комиссияи ташхисӣ:

Доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Броимшоева М. Қ.

Имзои Т. Шокириён, Ҳ. Дӯстзода ва
М. Қ. Броимшоеваро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Саидраҳмонов Н. С.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
736600, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур 109,
Телефон: (992) 50133472